## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзуи «**Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст.

Дар давраи классикии афкори фалсафӣ ҷиҳати рушд додани донишҳои илмӣ мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик саҳми бориз гузошта, асарҳои зиёди бунёдӣ таълиф намуданд. Аз зумраи чунин мутафаккирони барҷаста, файласуфи шинохтаи қарни XIX-и тоҷик, саромади ҷараёни маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна, ки як таҳаввулоти ҷиддиро дар низоми иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа ба вуҷуд оварда, барои пайдоиши ҷаҳонбинии нав мусоидат кард, Аҳмади Дониш мебошад.

Ба андешаи мо, таҳқиқи фалсафаи амалии Аҳмади Дониш хеле саривақти ва мубрам буда, андешаҳои байннамудаи ӯ дар боби ахлоқ, низоми оиладорӣ ва идоракунии ҷомеа бо вуҷуди сипарӣ гаштани беш аз як аср арзиши назариявӣ ва амалии худро аз даст надода, истифодаи онҳо барои танзими муносибатҳои ахлоқӣ, оилавӣ, низоми ҷомеадорӣ, пешгирии роҳҳои шомилшавии ҷавонон ба сафи ҳаракатҳои террористӣ, ба фарҳанги бегона майл накардани онҳо нақши муассир метавонанд бозанд.

Чӣ хеле, ки Ҷабборова В. Ҳ. дар автореферати худ баён менамояд, дар замони муосири рушд Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи демократӣ ва дунявии идора кардани ҷомеаро пеш гирифтааст, ки дар он омезиши арзишҳои фарҳанги миллӣ бо арзишҳои фарҳанги башарӣ баръало мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, ба хотири бонизом рушд кардани тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тавсия дода мешавад, ки дар амал татбиқ намудани ақидаҳои Аҳмади Дониш дар боби бо адл ороста доштани давлат, муайян

кардани сифатҳои лидери сиёсӣ, тартиби ҷо ба ҷо гузоштани кадрҳои идора ва муассиаҳои давлатӣ, таъсиси артиш ва таъини саркардаҳои аскар, қабул ва оқилона ҳал кардани арзу даъвоҳои шаҳрвандон, дар маҷмуъ, дар доираи талаботи қонунҳои амалкунанда иҷро кардани вазифаву уҳдадориҳо аз ҷониби хизматчиёни идораҳои давлатӣ ва қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки бобҳои якуму дувум масоили бунёдгузорӣ, пайдоиш ва хусусиятгириҳои равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна ва тамоилгирии фалсафаи амалӣ дар талимоти Аҳмади Донишро дар бар мегирад. Муаллифи рисола дар заминаи омӯзиш ва муқоисаи таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ зикр менамояд, ки таърихан маорифпарварӣ ҳамчун равияи иҷтимой-сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳамчун ҷаҳонбинии нав зуҳур кардааст.

Ба андешаи диссертант, маорифпарварӣ ин равияи фалсафӣ, иҷтимой-сиёсӣ ва фарҳангӣ буда, маънои дониш, биниш, маърифат, илм, шинохт ва ғайраро дорад. Маорифпарварон он нафарони тараққихоҳе маҳсуб меёфтанд, ки ҳадафашон ба роҳ мондани омӯзиш ва тарғиби илму дониш, аз ҷумла дар баробари илмҳои динӣ омӯзонидани илмҳои замонавӣ, аз қабили забонҳои хориҷӣ, нуҷум, риёзиёт, ҳандаса ва ғайра, огаҳ гардонидани мардум аз дастовардҳои техникӣ ва бозёфтҳои илмӣ-фарҳангии кишварҳои пешрафта ва ғайра ба ҳисоб мерафт.

Боис ба қайд аст, ки дар автореферати диссертатсияи Ҷабборова В. Ҳ. таҳлили вазъи муаммои маорифпарварӣ ба хулосае меорад, ки омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни осори маорифпарвар маълум менамоянд, ки ӯ мураббии инсон аст ва ҷавҳари таълимоташро масъалаи инсон ва тавсифи сифатҳои ӯ ташкил медиҳанд. Аммо дар осори Аҳмади Дониш шарҳу тавзеҳ ва таснифи категорияҳои ахлоқӣ ба таври алоҳида ва ё дар зербоби ҷудогона таҳлилу баррасӣ наёфтаанд.

Таҳқиқоти гузаронидаи диссертант вақту маҳорати зиёдро талаб кардааст, умедворам, ки дар ҳалли якчанд муаммоҳои мубрам оид ба маорифпарварӣ саҳми босазои хешро хоҳад гузошт.

Дар асоси гуфтаҳои болой хулоса кардан мумкин аст. ки диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасанован дар мавзуи **«Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш»** ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст мувофиқ буда муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои фалсафа, профессори
кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишкадаи
иқтисод ва савдои ДДТТ: Соличонов Р.

Суроға: Индекс: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Хуҷанд, кӯчаи Додоҷон Раҷабӣ, хонаи 7/ 32
тел. мобилӣ: 92 701 78 95

Имзои профессор Соличоновро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус: Маҳмудов Ш.У.
04. 06. 2025

Суроғаи муасисса: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Хуҷанд. Хиёбони И.Сомонӣ, 169
Тел: +992(3422)6-03-21;
E-mail: info@ iet.tj;
Сомонаи расмӣ: http:// iet.tj/